**№348 аз 30.11.2012**

«Оид ба тасдиқи Талаботи
асосии ташкили хизматрасонӣ
ба андозсупорандагон ва Мониторинги
сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон, таъмини назорат ва ташкили дурусти хизматрасонӣ ба онҳо,

ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Тартиби гузаронидани Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тибқи Замимаҳои №№ 1 ва 2 тасдиқ карда шавад.
2. Муқаррар карда шавад, ки риояи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (Замимаи №1) барои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳангоми муносибат ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳамчун уҳдадории мансабӣ_ҳатмӣ мебошад.
3. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (С.Абдуллоев):

   - пешбурди мунтазами Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро **(Замимаи №2)** таъмин намуда, натиҷаҳои онро пас аз ҷамъбаст сол дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намояд;

   - дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз:

   а) дар як сол як маротиба таҳлили маҷмӯии ҳолати утоқҳои корӣ барои қабули андозсупорандагонро гузаронида **(Замимаи №3),** ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани шароити корӣ чораҷӯи намоянд;

   б) нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии андозсупорандагон ба хизматрасонии мақомоти андозро **(Замимаи №4)** тасдиқ намоянд.

   - дар якҷоягӣ бо КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” (Хоҷаев Х.) то 31.12.2012:

   а) барномаи компютерии гузаронидани Мониторинги сифати

хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро омода намуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз фасли «Сифати хизматрасонӣ ба андозсупоранда» - ро ба роҳ монанд;

б) барои таҳияи Барномаи компютерии баҳогузории хизматрасонӣ тибқи **Замимаҳои №№ 2, 2.1. ва 2.2.** чораҷӯи намояд.

- Консепсияи рушди сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро барои солҳои 2013 – 2018 то 01.04.2013 таҳия намояд.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ (Ё.Ҷураев) барои таъмини иҷрои талаботи молиявии Мониторинги мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Қоидаҳои Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз - ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шуда, аз 01.01.2013 мавриди амал қарор дода шавад.
6. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ (Хоҷабекова Ё.) фармони мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

Раис Н.Давлатов

Замимаи № 1
бо фармони Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «30» ____11___ соли 2012,
№____ тасдиқ карда шудааст

**Талаботҳои**
**асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон**

1. Принсипҳои
асосии муошират ҳангоми қабули андозсупорандагон

**Корманди мақомоти андоз ҳангоми қабули андозсупоранда қоидаҳои зерини муносибатро риоя менамояд:**

- Андозсупорандаро баҳузур пазируфта, кумаки касбии худро пешниҳод менамояд, (Масалан: «Салом, ман ба Шумо чӣ хизмат расонам?»);
- Ҳангоми вохӯрӣ бо андозсупоранда аз ӯ дархост менамояд, ки худро муаррифӣ намояд ва минбаъд бо андозсупоранда бо ному насаб ва эҳтироми хосса муносибат менамояд.
- Ҳангоми суҳбат аз худ хушмуомилагӣ, хоҳиши ёрии амали расонидан ва диққати ҷиддӣ додан ба суханони андозсупорандаро изҳор менамояд;
- Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба суханони андозсупоранда, дарки масъалаи ба миён гузошта шуда ва дар ҳолати зарурат дақиқ намудани масъала тавассути пурсишу посух;
- Дарёфти мафҳуми шарҳи масъала ба истиснои фаҳмиши духура (думаъно);
- Бо дархости андозсупоранда аз нав, бе асабонӣ шудан (оташин шудан) такроран тавзеҳ додани масъала;
- Худдорӣ намудан аз суҳбатҳои дарозмудати телефонӣ ва суҳбате, ки ба атрофиён халал ворид менамояд. Дар рафти суҳбат бо андозсупоранда зарурати ба занги телефон ҷавоб додан ба вуҷуд ояд, аз андозсупоранда узр пурсида, дар муҳлати андак бо телефон суҳбат менамояд.
- Эҳтироми махсус зоҳир намудан ба шахсони калонсол, собиқадорон, маъюбон ва расонидани ёрии лозима ба онҳо;

**Аз ҷониби шахси мансабдор дар муошират бо андозсупоранда муомилаҳои зерин ғайри қобили қабул шуморида мешавад:**

- Суҳбатҳои хусусияти маҳдудсозандаи андозсупоранда бо назардошти ҷинс, сину сол, эътиқоди динӣ, нажод, миллат, забон, шаҳрвандӣ, вазъи иҷтимоӣ, оилавӣ, мавқеи сиёсӣ ва дигар ҳолатҳо;
- Истифодаи лаҳни ғуруромез, дуруштӣ, ҳавобаландӣ ва маломат намудан;

- Баҳсу мунозираҳои бемавқеъ, ки монеъи муносибати шоиста мегардад;

Ҳангоми муошират ва қабули андозсупоранда, шахсони мансабдор, бояд, ки таҳаммули рафтори номувофиқ ва хулқи бадқасдонаи тарафро (ҳамсуҳбатро) дошта бошанд.

Дар ҳолати ба низоъ шуруъ кардани андозсупоранда, шахси масъули қабул бояд кӯшиш намояд, ки эҳсосоти ӯро ба эътидол оварда дар фазои оромӣ роҳи ҳалли масъаларо тавзеҳ диҳад.

Агар андозсупоранда муносибати дағалона намуда, нисбати мақомот ва ё нозири андоз суханони қабеҳ гӯяд, дар ҳолати мазкур муколама қатъ гардида, масъули қабул ҳуқуқи дасткашидан аз хизматрасониро (ҳамкории минбаъдаро) дар миён гузошта, барои бартараф намудани мунозира сардори бевоситаи корӣ даъват карда мешавад. Боз истодан аз ҳамкорӣ новобаста аз душвории масъала ва ҳолати ихтилоф, дар доираи одоб сурат мегирад.

***Масалан: «Мазарат мехоҳам, ман наметавонам бо Шумо ҳамкориро идома диҳам. Умедворам, ки мушкилоти Шуморо сардори Раёсати (шуъбаи,бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон расидагӣ хоҳад кард, ки ҳоло он касро даъват менамоям».***

Маълумот оид ба ному насаб ва мансаби масъули қабули андозсупоранда бояд, ки дар шакли бейҷик ва ё лавҳаи рӯи мизӣ тартиб дода шуда бошад.

Ҳамзамон бо мақсади тартиб ва ташкили кор бо андозсупорандагон тавсия дода мешавад, ки дар ҳолати бештар аз 70 нафар дар як рӯз ба мақомоти андоз мурочиаткунандагон ташриф овардан, барои дар сатҳи дахлдор ба роҳ гузоштани хизматрасонӣ, иҷрокунандаи маъмури ташкили қабул вобаста карда шавад.

Ба ваколати маъмури қабули андозсупорандагон додани маълумотҳои умумӣ водор карда мешавад, аз ҷумла:

- иҷрои уҳдадории мансабӣ ва хизматрасонӣ дар муҳлати муқарраршуда, тибқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;
- утоқи қабул, реҷаи корӣ ҷиҳати хизматрасонӣ ба андозсупоранда ва имконоти таъмини ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо;
- маълумот дар бораи реҷаи корӣ ва суроғаи мақомоти болоӣ;
- дигар маълумотҳои лозима.

## 2. Усулҳои асосии маълумотдиҳӣ тавассути телефон

Ба занги телефон ҷавоб додан бо салом, номи пурраи мақомот ва муаррифии масъули маълумотдиҳанда оғоз мегардад.

***Масалан: «Ассалому алайкум! Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз, ман мутахассиси шуъбаи тавзеҳот ва фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон Додхудо Абдуллоев, ба Шумо чӣ хизмат намоям?»***

Аз андозсупоранда ҷиҳати муаррифӣ намуданаш дархост намуда, ҳамчунин оиди мансаби (вазифаи) ишғолнамуда дар ташкилот (корхона, идора, соҳибкори инфиродӣ, шахси воқеӣ) ва суроғаи макони фаъолияти ӯ маълумот ба даст овардан лозим мебошад.

Суҳбати телефонӣ бо андозсупоранда бояд дар доираи маълумотҳои дархостнамудаи ӯ мушаххас, қонеъкунанда ва самимӣ сурат гирад.

Ҳангоми суҳбат аз калимаҳои фаҳмо истифода намуда, дар як вақт бо ду шахс гуфтугӯ нанамояд. Дар ҳолати зарурат аз мусоҳиб узр пурсида, ба занги навбатӣ ҷавоб гӯяд.

***Масалан: «Бубахшед, ба ман лозим аст, ки дар хатти дигар ба алоқа бароям, Шумо гӯширо нагузоред баъди чанд лаҳза гуфтугӯро идома медиҳем».***

Баъд аз хатми суҳбат дар хатти дуюми алоқа аз андозсупоранда ҷиҳатӣ интизор намудан, узр пурсида мешавад.

***Масалан: «Бори дигар барои ҳолати ногувор мазарат мехоҳам, миннатдорем, ки мунтазир шудед».***

Ба андозсупоранда барои ҳалли масъала возеҳ (сода, фаҳмо) ҷавоб дода мешавад, вале дар ҳолати эҳтиёҷ доштан ба мутахассис, андозсупорандаро огоҳ намуда, ба мутахассиси лозима пайваст карда мешавад ё ин, ки рақами телефони мутахассис ба ӯ дастрас карда мешавад.

Ҳангоми пайвастани хатти телефон ба мутахассиси коршинос ба ӯ нисбати ному насаби андозсупоранда ва масъалаи ба миён гузошташуда, маълумот дода мешавад.

Маълумоти мазкур набояд аз тулонӣ гардидани вақт ва калимаҳои ҳассосу бемавқеъ ва душворфаҳм иборат бошад.

Агар ба корманди мақомоти андоз оиди ҷавоб гуфтан ба саволи додашудаи андозсупоранда вақт лозим шавад, рақами андозсупоранда сабт карда шуда, баъд аз муҳлати муайянгардида ба ӯ занг зада мешавад.

***Масалан: «Ман дар ҳолати ба Шумо мувофиқ занг мезанам. Шумо дар кадом вақт имконияти гуфтугӯ карданро пайдо мекунед?»***

Дар ҳолати ба мувофиқа нарасидан бо андозсупоранда аз муошират дар доираи одоб ва бо тавсияи муносиб барои ҳалли мушкилии минбаъда, суҳбат ба итмом расонида мешавад.

Аз андозсупоранда барои муроҷиат намудан (занг задан) изҳори сипос карда мешавад.

***Масалан: «Барои занг задан аз Шумо сипосгузорам. Умедворам, ки Шумо аз ҷавоби гирифташуда, қаноатмандед. Шумо дар оянда оиди масъалаҳои ба миёномада метавонед бо рақамҳои 2330686 дар соатҳои корӣ аз 9 00 то 18 00 ва ё тавассути сомонаи www.andoz.tj; info@andoz.tj муроҷиат намоед. Хайр, то суҳбати навбатӣ».***

Телефони маълумотдиҳӣ ба истиснои рӯзҳои истироҳат бояд ҳамарӯза дар давоми соати корӣ, ҳатто дар вақти нисфирӯзӣ (обед) фаъол бошад. Барои он, ки дар вақти нисфирӯзӣ телефонии маълумотдиҳӣ аз қабули муроҷиаткунанда боз наистад, реҷаи мувофиқ барои масъули қабул тартиб додан лозим аст.

3. Талаботҳои

асосӣ оид ба омода намудани ҷавобҳои хаттӣ ба андозсупоранда

Ҳангоми омода намудани ҷавоби хаттӣ (минбаъд мактуб) ба муроҷиати андозсупоранда, талаботҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

- матни мактуб набояд тулонӣ бошад (на зиёда аз 1-2 саҳифаи андозаи А-4, бо ҳарфҳои андозааш 14 – 16);
- матни мактуб бо услуби содда ва фаҳмо навишта шуда бошад (ҷумлаҳои кӯтоҳ навишта, аз истилоҳҳои мураккаб ва душвор истифода нагардад);
- ҳамеша аз услуби ягонаи мактубнависӣ истифода намудан;
- аз калимаҳое, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ маънои духура (думаъноӣ) доранд барои дар ҳолати баҳснок ба мушкилӣ дучор нагардидан, худдорӣ намудан;
- ба андозсупоранда оиди саволи пешниҳод намудааш посух навиштан;
- дар ҳолати эродҳои асосноки андозсупоранда аз номи мақомоти андоз зарур аст, узр пурсида шавад.
- бо андозсупоранда набояд ҳамчун ба шахси сеюм муроҷиат шавад.

***Масалан, Муносибати нораво*** *дар шакли зерин:*

*Абдуллозода А.А.*

*Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дархости (пешниҳоди, таклифи)* ***Абдуллозода А.А.*** *мавриди баррасӣ қарор дода чунин иттилоъ медиҳад…*

***Муносибати саҳеҳ:***

*Абдуллозода А.А.*

***Муҳтарам*** *Абдураҳими Абдулло!*

*Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дархости Шуморо баррасӣ намуда, чунин иттилоъ медиҳад:*

Агар ному насаби андозсупоранда маълум набошад, тавсия дода мешавад, ки аз навъи зерини муроҷиат истифода шавад:

*Муҳтарам, (ҷаноби) Абдуллозода!*
*(Муҳтарам, хонум Абдуллозода!)*

4. Талаботҳои асосӣ доир ба намуди зоҳирии шахси мансабдори қабули андозсупорандагон

Шахсони мансабдоре, ки ба қабули андозсупорандагон машғул мебошанд бояд, ки либоси махсуси мақомоти андозро ба бар намоянд. Дар ҳолати зарурат аз либоси расмӣ истифода менамоянд. Либоси корманди масъули қабул тозаю дарзмол карда шуда, дар доираи ахлоқ (этика) истифода мешавад.

## 5. Талаботҳои асосӣ барои бинои қабули андозсупоранда

- бинои қабули андозсупоранда (толору утоқҳои интизорӣ ва маълумотрасонӣ) бо лавозимот (курси, миз, дастгоҳи обнушӣ, маҷаллаву ҳафтанома ва маводҳои конселярӣ) бояд муҷаҳҳаз гардонида шавад;
- ба тозагиву тартиби мизе, ки андозсупоранда варақаҳои зарурӣро истифода менамояд аҳамият дода мешавад. Дар мизи қабули андозсупоранда набояд варақаҳои фарсуда, ашёҳои нолозим ва маводҳои хусусияти рекламавидоштаи ташкилотҳо гузошта шавад;
- бинои маълумотдиҳӣ бояд, ки дар наздикии макони интизорӣ бошад;
- бинои маълумотдиҳӣ бо овезаҳои маълумотҳо, ки бо ҳарфҳои андозааш барои дидан хоно мебошад дар ҷойҳои муносиб муҷаҳҳаз гардонида мешаванд;
- масъули тахтаи маълумотҳо ва таҷдид намудани онҳо ба зиммаи сардори шуъбаи (бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор карда мешавад;
- дар маълумотҳо имзои (визаи) сардори шуъбаи (бахши) хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва санаи интишори маълумотҳо гузошта мешавад;
- бинои қабули андозсупорандагон бояд, ки бо таҷҳизоти рӯшноидиҳандаи табиӣ ва сунъӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, тирезаҳо бо пардаҳои жалюз ороиш дода шаванд. Ҳамчунин барои нигоҳ доштани ҳавои мусоид ва ҳолати санитарӣ тадбирҳо андешида мешавад;
- барои дар ҳолати муносиб қабул намудани андозсупоранда бояд, ки бино ҳамаҷониба бо тарҳи навгонӣ омода карда шавад;
- дар бино барои назорат ва ба инобат гирифтани қабули андозсупорандагон тавсия дода мешавад, ки аз web-дурбинҳо (камераҳо) истифода шавад;
- дар бинои қабул тавсия дода мешавад, ки аз компютер, ки дорои барномаҳои ба системаи умумии мақомоти андоз пайваст шудааст истифода шавад;
- дар бинои қабул маълумотҳои нолозим аз қабили «дарро сахт напӯшед», «ба шахсони ҳуқуқӣ хизмат расонида намешавад», «маълумот дода наметавонем», «вақти хуроки нисфирузӣ (обед)» ва ғайраҳо, насб кардан мумкин нест;
- дар мизи кории нозири андоз набояд ашёҳое, ки диққати андозсупорандаро ҷалб менамояд (аксу ашёҳои хотиравӣ) гузошта шавад;
- ҳоҷатхона бояд тоза нигоҳ дошта шуда, бо маводҳои ташноб аз ҷумла об, қоғаз, собуни моеъ ва дастхушкунак таъмин бошад.

Замимаи № 2
бо фармони Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз 30» ___11____ соли 2012
№____ тасдиқ карда шудааст

**Мониторинги**
**сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон**

## 1.Муқаррароти умумӣ

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таъмини дастрасии онҳо ба хизматрасонии мақомоти андоз, мунтазам Мониторинги сифатнокии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаронида мешавад (минбаъд-Мониторинг).

Мониторинг принсипҳои асосии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Низомномаи Раёсати хизматрасони ба андозсупорандагонро ба роҳбарӣ гирифта, бо мақсади таъмини татбиқи амалии талаботи фармонҳои Кумитаи андоз дар бораи "Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон" ва "Қоидаҳои рафтори корманди мақомоти андоз" таҳия шудааст.

Иҷрои талаботи Мониторинг бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, баланд бардоштани фарҳанги андозии андозсупорандагон, эътимоднокии андозсупорандагон ба хизматчиёни давлатии мақомоти андоз ва обрӯи мақомоти андоз дар байни ҷомеа, нигаронида шудааст.

Мониторинг бо назардошти таҷрибаи пешқадами мақомотҳои андози давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, хулқу рафтори намунавии халқу миллатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми муносибат ва муошират таҳия шуда, дар он истиллоҳҳои адабӣ ва маъмулии ба ҷомеа писанд истифода шудааст.

Тартиби пешбурди Мониторинг ҷиҳати ба даст овардани маълумот барои таҳлил намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ пешбинӣ гардида, рушди минбаъдаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро муайян менамояд.

Татбиқи самараноки чорабиниҳои пешбининамудаи Мониторинги мазкур тавассути тартиб додани Нақшаи чорабиниҳо оид ба хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар тамоми сатҳҳои мақомоти андоз амалӣ мегардад.

Бо назардошти принсипҳои асосии қабули андозсупорандагон ҳангоми ташрифот (аз ҷумла маълумотдиҳӣ, пешниҳоди эъломияҳо ва ҳисоботҳои андоз) ба мақомоти андоз барои бархурдор шудан аз хизматрасонӣ, тибқи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба

андозсупорандагон ва муроҷиати андозсупорандагон тариқи телефонӣ (ба Бахши иттилоотӣ), усули ташкили Мониторинг дар шакли ҷадвалҳои тартибдодашуда, замима гардидааст.

**2.Мафҳумҳои дар Тартиби мазкур истифодашаванда:**

- Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (минбаъд – СЯДХА) - санади меъёрие, ки тартиб ва стандартҳои хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагонро муқаррар намудааст;
- хизматрасонии мақомоти андоз - фаъолияти воҳиди мақомоти андоз, ки тибқи тартиби муқарраргардида дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои худ мутобиқ ба СЯДХА хизмат мерасонад;
- муроҷиаткунанда – андозсупорандагон (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё шахсони ваколатдорнамудаи онҳо), ки алоқаманд ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ тибқи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии андоз аз хизматрасониҳои мақомоти андоз бархурдор мегарданд;
- объекти Мониторинг – воҳиди мақомоти андоз, ки ба андозсупорандагон тибқи талаботҳои СЯДХА ва санаддҳои меъёрии мақомоти андоз хизмат мерасонад.
- предмети Мониторинг – СЯДХА, ки мақомоти андоз дар доираи он ба андозсупоранда хизмат мерасонад;
- Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон – маҷмӯи чорабиниҳои махсус ташкилшуда, ки назорати доимии раванди татбиқи амалии СЯДХА-ро таъмин менамояд;
- воҳиди мақомоти андоз, ки Мониторинг мегузаронад - Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;

**3.Вазифаҳои асосии Мониторинг аз инҳо иборат аст:**

- сари вақт муайян намудани ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳои СЯДХ.
- таҳлили ҳолатҳои риоя нагардидани талаботҳои муқарраргардида дар мавриди хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (асоснокии рад намудани қабули эъломияи (ҳисоботи) андоз ва дигар хизматрасониҳо, муҳлатҳои хизматрасониҳо ва ғайраҳо);
- омода намудани таклифҳо барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, ҳангоми амалӣ намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупоранда ва такмили СЯДХ.

**4.Ташкил ва гузаронидани Мониторинг.**

Ҳангоми гузаронидани Мониторинг, чораҳои зерин андешида мешавад:

1) Маҷмӯи нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонӣ муайян карда мешавад;

2) Аз объекти Мониторинг маълумотҳои дахлдор, ки барои гузаронидани Мониторинг заруранд, талаб кард мешавад, аз ҷумла:

а)шумораи умумии андозсупорандагоне, ки ба онҳо хизмат расонида шудааст;

б)шумораи хизматрасониҳои дар муҳлати муқарраршуда расонида шуда;

в)шумораи хизматрасониҳои дер аз муҳлат расонида шуда;

г) шумораи рад шудаи хизматрасониҳо ва асоснокии онҳо;

д)шумораи эродҳои воридшуда оид ба риоя нагардидани СЯДХ ва оиди рад намудани хизматрасониҳо;

е) шумораи эродҳои қонеъшуда;

ж) шумораи эродҳои, беасос ҳисобшуда ва қонеъ нагардида.

3) Маълумотҳои дар Барномаҳои СИА ҷой дошта, истифода бурда мешавад;

4)Бо усули интихобӣ, асоснокии маълумотҳои аз ҷониби объекти Мониторинг пешниҳодшаванда баррасӣ мегардад;

5) Пурсиши хаттӣ ва электронии андозсупорандагонро оид ба баҳодиҳии сатҳ ва сифати хизматрасонӣ мустаъқилона ва ё бо ҷалби ассотсиатсияҳо, ташкилотҳо гузаронада мешавад. Аз ҷумла:

- оид ба муҳлати хизматрасонӣ;
- оид ба пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз;
- оид ба ҳолати бинои қабули андозсупорандагон;
- оид ба маълумотҳои дар қитъаи маълумотдиҳии мақомоти андоз ҷойдошта;
- оид ба сатҳи маълумотдиҳӣ.

6) Муроҷиат намудан ба воҳиди мақомоти андозе, ки санҷиш оид ба хизматрасонӣ гузаронида мешавад (Ҷадвали Мониторинги муроҷиати телефонии андозсупоранда - шакли № 2.1.).

7) Ташрифи масъули (санҷишгари) Мониторинг ба утоқи қабули андозсупорандагон ҷиҳати хонапурии варақаи Мониторинг (Ҷадвали Мониторинги муроҷиати ташрифотии андозсупоранда – шакли №2.2.).

Мониторинги хизматрасонӣ тавассути сомонаи Кумитаи андоз дар шакли пурсишу посух бо роҳи электронӣ ва ё пурсишҳои хаттӣ амалӣ мегардад.

8) Қайд намудани ҳолатҳои мавҷуда ва ҳамзамон аксбардории навбатпойии андозсупорандагон ва утоқи қабули андозсупорандагон.

9) Дар ҳолати зарурӣ бо назардошти натиҷаҳои Мониторинг барои такмили СЯДХ таклифҳо пешниҳод карда мешавад;

10) Дар ҳолатҳои зарурӣ ба объектҳои Мониторинг ёрии методию амалӣ барои ҷамъоварӣ ва омода намудани маълумотҳои барои гузаронидани Мониторинг пешбинишуда, расонида мешавад.

**5.Марҳилаҳои гузаронидани Мониторинг:**

Мониторинг маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки дар якчанд марҳилаҳо гузаронида мешавад:

7) Муайян намудани маҷмӯи нишондиҳандаҳое, ки сифати хизматрасонии мақомоти андозро таҷассум менамоянд;
8) Ҷамъ овардани маълумотҳо оид ба объекти Мониторинг оиди иҷрои СЯДХ;
9) Таҳлили маълумотҳои воридшаванда (муайян намудани ҳолатҳои риоя нагардидани СЯДХА ва ғайраҳо);

10)Ҷамъбасти пешакии (фосилавии) маълумотҳо;
11)Ҷамъбасти умумии Мониторинг.

**6.Таҳлили натиҷаи Мониторинг, маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:**

- пур намудани маълумотҳои дар Замимаи № __ дар шакли ҷадвалҳо пешбинӣ шуда;
- ҳисоби коэффисиенти риояи СЯДХА дар қисмати талаботҳо ба тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо;
- ҳисоби коэффисиенти риояи СЯДХА дар қисмати мутобиқатӣ ба татбиқи амалии СЯДХА;
- муайян намудани коэффисиенти қаноатмандии андозсупоранда аз хизматрасониҳо.

**7. Таҳияи Ҳисобот оид ба натиҷаҳои Мониторинг дар худ маълумотҳои зеринро таҷассум менамояд:**

- коэффисиенти ҳисобшудаи сифати иҷрои СЯДХ;
- хулосаҳо аз Мониторинги гузаронидашуда;
- маҷмӯи чорабиниҳои андешидашаванда оид ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ;
- ҳолати риоя намудани талаботи Низомнома ва Дастурамалҳои мансабӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, ки ба андозсупорандагон хизмат мерасонанд.

Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Мониторинги доимии хизматрасониҳоро ба роҳ монда, ҳар сол натиҷаи онро то санаи 20-уми январ дар манбаъҳои расмии Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳафтавори «Боҷу хироҷ», сомонаи расмии Кумитаи андоз) ҷойгир менамояд.

Ҳар як Мониторинги доир намуда, бо назардошти тақриз ва пешниҳодиислоҳи камбудӣ хулоса карда мешавад.

Маълумотҳои дастрасгардида таҳлил шуда, минбаъд барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ва сифатан боло бурдани фарҳанги андозбандии кормандони макомоти андоз ва андозсупорандагон истифода карда мешаванд.

**Методикаи**
**гузаронидани Мониторинги сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз (корманди мақомоти андоз)**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Методикаи мазкур таркиби коркарди маълумоти ҷамъоваришавандаро оид ба рафти иҷро ва риояи СЯДХА-ро муқаррар намуда, тартиб ва усулҳои таҳлили онҳо, инчунин тавсияҳо барои омода намудани ҳисоботҳои дахлдор ва хулосагузориҳоро аз натиҷаи Мониторинг муайян менамояд.

1.2. Воҳиди мақомоти андоз, ки Мониторингро анҷом медиҳад Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад.

1.3. Шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ш.Душанбе ки мутобиқ ба Низомномаи Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон қисме аз функцияҳои онро амалӣ менамоянд дар доираи ваколатҳои ба онҳо додашаванда Мониторинг мегузаронанд.

1.4. Предмети Мониторинг хизматрасониҳои воҳиди мақомоти андоз, фаъолияти корманди мақомоти андоз, ки вобаста ба Дастурамали мансабӣ ӯҳдадориҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандаро ба зимма дорад, мебошад.

2. Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба риояи СЯДХА

2.1. Риояи талаботи СЯДХА предмети Мониторинг ҳисобида мешавад.

2.1.1 Таркиби маълумоти ҷамъоваришаванда

Дар сутуни аввал рақами тартибӣ ва дар сутуни дувум рамз ва номгӯи хизматрасониҳо мутобиқи СЯДХА қайд карда мешавад.

Ҳар як намуди хизматрасонӣ, кибо рамзҳои алоҳида муайян шудааст вобаста ба талаботҳои муқарраршуда гурӯҳбандӣ карда шуда, вобаста ба мундариҷа ва тартиби амалӣ намудани онҳо дар сатрҳои алоҳида нишон дода мешаванд. Аз ҷумла:

- муҳлати иҷрои хизматрасониҳо;
- таркиб ва тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо;
- макони қабули андозсупорандагон;
- тартиби маълумотдиҳӣ ва машваратдиҳӣ;
- баҳогузории сифати хизматрасонии воҳиди мақомоти андоз (корманди мақомоти андоз) аз ҷониби андозсупоранда;
- дигар ҳолатҳо.

2.1.2. Хулосаи ҳар як рамзи хизматрасони ва бандҳо (гурӯҳбандиҳо) бояд бо пурсиши андозсупорандагон, таҳлили маводҳои иттилоотии дар сомона ва дигар ҳуҷҷатҳо асоснок шуда бошанд.

*Ҷадвали №1. Таҳлили риояи талаботи СЯДХА дар обекти Мониторинг (Раёсат, нозироти андоз ва корманди мақомоти андоз)*

| № р/т | СЯДХ ба андозсупорандагон | | Хулоса оид ба мутобиқатии ҳолати риояи хизматрасонӣ дар обекти Мониторинг, баҳогузорӣ бо дараҷа (балл) | Тасдиқи баҳогузорӣ (пурсишҳо, маводҳои аксдор, таҳлилҳои муоинашуда, таҳлили ҳуҷҷатҳо, шарҳу эзоҳ ва ғайра) |
|---|---|---|---|---|
| | Рамзи хизматрасони | Номгӯи хизматрасониҳо | | |
| **1** | **2** | | **3** | **4** |
| 1 | **рамз** | | | |
| | *гурӯҳбандӣ* | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| 2 | **рамз** | | | |
| | *гурӯҳбандӣ* | | | |
| | | | | |
| 3 | | | | |

Хулоса мутобиқи ҳолати корӣ дар обекти Мониторинг, риояи талаботи СЯДХА бо услуби панҷбаллаи зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

5 – талаботи СЯДХА, вобаста бабанди ___пурра риоя;

4 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди ___ риоя шудааст;

3 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди ___ қисман риоя шудааст;

2–талаботи СЯДХА, вобаста ба банди __ ғайриқаноатбахша риоя шудааст;

1 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди __ умуман риоя нашудааст.

2.1.3. Ҳисоби нишондиҳандоди ҳолати риояи СЯДХА

Тибқи маълумоти Ҷадвали №1 нишондиҳандаи сифати (сатҳи) риояи СЯДХА ҳисоб карда мешавад.

Дар инҷо $\mathbf{К_м = К_{бу} / К_{шр}}$

$К_м$– коэффисенти миёнаи иҷрои (риояи) СЯДХА, баҳогузорӣ бо балҳо;

$К_{бу}$–шумораи умумии балҳо;

$К_{шр}$ – шумораи умумии рамзҳо (бандҳо) СЯДХА;

$\mathbf{К_{м(\%)} = К_{бу} / К_{шр} \times 100\%}$, ки дар он:

$К_{м(\%)}$ – нишондоди (коэффисенти) миёнаи сифати иҷрои (риояи) СЯДХА (бо %);

Шарҳи нишондоди (коэффисенти) сифати СЯДХА дар Ҷадвали №2 пешбинӣ гардидааст.

*Ҷадвали 2. Шарҳи нишондоди (коэффисенти) сифати пешниҳоди хизматрасониҳо мутобиқи СЯДХА*

| № р/т | Нишондоди (коэффисиенти) сифат (бо %) | Шарҳи нишондоди (коэффисиенти) сифат |
|---|---|---|
| 1 | | олӣ |
| 2 | 85 - 89 | бисёр хуб |
| 3 | 80 - 84 | хуб |
| 4 | 75 - 79 | қаноатбахш |
| 5 | 70 - 74 | ташвишовар |
| 6 | 65 - 69 | бад |
| 7 | | ниҳоят бад |

2.1.4. Натиҷаи ҷамбасти таҳлил, Ҷадвали №1-и тартибдодашударо дар бар мегирад, ки дар он Ҳисобот оид ба хулосаи таҳлилҳои гузаронидашуда (бо назардошти нишондоди (коэффисиенти) миёнаи сифати иҷрои (риояи) СЯДХА мавҷуд мебошад.

2.2. Мутобиқатии амалҳои объекти Мониторинг ба СЯДХА.

Дар ин қисмати гузаронидани Мониторинг санҷиши мутобиқатии амалҳои объекти Мониторинг (воҳиди мақомоти андоз - раёсат, нозироти андоз ва корманди масъули мақомоти андоз) ба талаботҳои СЯДХА, аз ҷумла дар қисмати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҳангоми анҷом додани хизматрасонӣ, иҷрои пай дар пайии амалҳо ва риояи муҳлатҳои муқарраршуда гузаронида мешавад.

Зери таҳлил сутунҳои 3, 4 ва 5 СЯДХА қарор дода мешаванд.

2.2.1 Таҳлили маълумотҳо оид ба мутобиқатии СЯДХА

Мутобиқи Ҷадвали №3 талаботи сутунҳои 3, 4 ва 5 СЯДХА мавриди таҳлил ва хулосагузорӣ қарор меёбанд.

*Ҷадвали №3. Таҳлили риояи талаботи СЯДХА*

| № р/т | Номгӯи хизматрасониҳо | Амал иҷро шудааст | Муҳлати иҷро риоя шудааст | Тартиби қабули ва коркарди ҳуҷҷатҳо риоя шудааст | Аз натиҷаи хизматрасонӣ қарор дуруст қабул шудааст | Хулоса оид ба мутобиқатии амалҳои объекти Мониторинг ба талаботҳои СЯДХА (баҳогузорӣ бо бал) | Тасдиқи баҳогузорӣ (мусоҳиба бо кормандон, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва ғайра) | Шарҳу Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |

Зарур аст, ки таҳлили то чӣ андоза мутобиқат намудани амалҳои объекти Мониторингро ба талаботҳои қисмати 3, 4 ва 5 муайян намояд. Хулоса бояд, ки бо ҳуҷҷатҳои асосноксозанда ва натиҷаи мусоҳибаҳо бо кормандони мақомоти андоз, ки ба андозсупоранда хизмат мерасонанд ва таҳлили ҳуҷҷатгузорӣ асоснок карда шавад.

Барои ҳар як амал сутуни алоҳидаи ҷадвал пур карда мешавад. Агар талаботҳои СЯДХА, ки дар сутунҳои 3, 4 ва 5 дарҷ гардидаанд риоя шуда бошад, онгоҳ аломати «+», дар акси ҳол аломати «-» гузошта мешавад.

Бо назардошти натиҷаи таҳлилҳо, хулосагузории ҷамъбастӣ бо тарзи зерин баҳогузорӣ мегардад:

5 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди ___ пурра риоя шудааст;

4 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди ___ риоя шудааст;

3 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди ___ қисман риоя шудааст;

2–талаботи СЯДХА, вобаста ба банди __ ғайриқаноатбахш аст;

1 – талаботи СЯДХА, вобаста ба банди __ умуман риоя нашудааст.

2.1.3. Ҳисоби нишондоди (коэффисиенти) ҳолати риояи СЯДХА дар қисмати мутобиқати ( сутунҳои 3, 4 ва 5 СЯДХА)

Тибқи маълумоти Ҷадвали №3 нишондоди (коэффисиенти) сифати (сатҳи) риояи СЯДХА дар қисмати мутобиқати ба санадҳои меъёрӣ ҳисоб бо тартиби зерин, $\mathbf{К_{м2} = К_{бу} / К_{шр}}$ ҳисоб карда мешавад.

Дар инҷо:

$К_{м2}$– нишондоди (коэффисенти) миёнаи иҷрои (риояи) СЯДХА, дар қисмати мутобиқати ба санадҳои меъёрӣ (бо балҳо);

$К_{бу}$ – шумораи умумии балҳо;

$К_{шр}$ – шумораи умумии амалҳои хизматрасонӣ аз рӯи СЯДХА;

$К_{м(\%)} = К_{м2} \times 100\%$, ки дар он:

$К_{м(\%)}$ – нишондоди (коэффисенти) миёнаи сифати иҷрои (риояи) СЯДХА, дар қисмати мутобиқати ба санадҳои меъёрӣ (бо %);

Шарҳи нишондоди (коэффисенти) миёнаи сифати иҷрои (риояи) СЯДХА, дар қисмати мутобиқати ба санадҳои меъёрӣ дар Ҷадвали №2 пешбинӣ гардидааст.

2.2.3. Ба натиҷа аз ҷамбасти таҳлилҳо ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

- тартиб додани Ҷадвали №3;
- ҳисобот аз натиҷаи Мониторинг (таҳлилҳои доиргардида ва натиҷаҳои он).

Дар Ҳисобот аз натиҷаи Мониторинг то чӣ андоза дар объекти Мониторинг риоя гардидани СЯДХА дар қисмати мутобиқати ба санадҳои меъёрӣ қайд карда мешавад. Аз ҷумла:

- вобаста ба муҳлати иҷро (сутуни 3 СЯДХА);
- вобаста ба риояи тартиби қабул ва ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳо (сутуни 4 СЯДХА);
- аз рӯи ҳар як муқаррароти санади меъёри (сутуни 5 СЯДХ).

2.3. Мутобиқи Дастурамали мансабӣ ба СЯДХА

2.3.1. Маълумоти ҷамъоваришаванда.

Дар ин қисмат масъалаи дар Дастурамали мансабии корманди мақомоти андоз, ки ба андозсупоранда хизмат мерасонад пешбинӣ шудан

ва ё нашудани талабот оид ба иҷрои муқаррароти СЯДХА баррасӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад Ҷадвали №4 пур карда мешавад.

*Ҷадвали №4. Мавҷудияти Дастурамали мансабӣ*

| № Р/Т | Номгӯи кормандони масъули мақомоти андоз масъул ба хизматрасонӣ | Мансаби ишғолнамуда | Мавҷудияти Дастурамали мансабӣ (ҳа/не) |
|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** |
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |

Дар сутуни якум номи кормандони масъули воҳидҳои сохтории мақомоти андоз, ки ба андозсупоранда хизмат мерасонад дарҷ карда мешавад.

Дар сутуни дуюм мансаби ишғолкарда қайд шуда, ҳамзамон уҳдадориҳои мансаби дар қисмати татбиқи амалии муқаррароти СЯДХА (аз рӯи рамзи хизматрасонӣ) нишон дода мешавад. Агар якчанд намуди хизматрасониро амалӣ намояд, онгоҳ пай дар пай тамоми номгӯи хизматрасониҳо қайд карда мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҳолатҳои гузариши ваколатҳои корманд ба дигар корманд, мутобиқ ба ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ (рӯхсатии беморӣ, бемор шудан, дар сафари хизматӣ будан ва ғайраҳо) дар ҷадвал дарҷ карда мешавад.

Дар сутуни сеюм мавҷудияти Дастурамалӣ мансабӣ нишон дода мешавад.

